# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзуи "Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи граждани (маданӣ); ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст (Душанбе, 2025. – 37 саҳ.).

Автореферати диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад, ки ба мавзуи "Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон" бахшида шудааст, яке аз таҳқиқотҳои муҳимми илмии назариявӣ дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ ва маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин таҳқиқот нахустин кӯшиши ҳамаҷонибаи таҳлили назариявии масъалаи манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон дар доираи қонунгузории миллии Тоҷикистон аст, ки аҳаммияти баланди илмӣ дорад.

Мавзуи интихобшуда аз лиҳози мубрамияти худ бисёр муҳим аст, зеро оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоию ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ, масъалаҳои марбут ба ҳифз ва амалисозии манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Автореферат бо далелҳои мушаххас нишон медиҳад, ки оила на танҳо дорои манфиатҳои умумӣ, балки аз манфиатҳои алоҳидаи аъзои он низ иборат аст, ки метавонанд аз лиҳози сифат ва мазмун фарқ кунанд. Ин тафовут зарурати таҳияи консепсияи мувофиқи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳар як узви оила ва манфиатҳои умумиоилавиро ба миён меорад.

Таҳқиқоти мазкур ба таври муфассал ба баррасии муносибатҳои молумулкии ҳамсарон, аз ҷумла амалисозии моликияти муштарак ва алоҳида, тақсимоти молумулк, иҷрои уҳдадориҳои қарзӣ ва ҳуқуқҳои кредитории ҳамсарон бахшида шудааст. Инчунин, дар диссертатсия ба масъалаи мураккаби эътирофи оила ҳамчун субъекти манфиат, дар қонунгузорӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст, ки яке аз хусусиятҳои нави таҳқиқот ба шумор меравад.

Автореферат аз ҷиҳати сохтор хеле мунназам ва мантиқӣ тартиб дода шудааст. Он аз муқаддима, се боб бо зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима муаллиф мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзӯъро ба таври возеҳ баён намудааст.

Боби якум ба таҳлили манфиати оилавӣ ва танзими ҳуқуқии он бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба таҳлили адабиёти илмӣ ва таърихии инкишофи оила дар Тоҷикистон, аз давраи тоисломӣ то замони муосир, нишон медиҳад, ки оила ҳамчун унсури асосии ҷомеа на танҳо иттиҳоди шахсӣ, балки омили суботи маънавии ҷомеа низ мебошад.

Боби дуюм ба масъалаҳои таъсири манфиати оилавӣ ба ташаккулёбии реҷаҳои ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон бахшида шудааст. Муаллиф ба хусусиятҳои муосири объектҳои ҳуқуқи маданӣ, аз қабили ҳуқуқҳои рақамӣ, пулҳои электронӣ ва дигар дороиҳои виртуалӣ, ки дар қонунгузории Тоҷикистон ба таври мушаххас муайян нашудаанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пешниҳодоти мушаххас барои такмили Кодекси оила пешкаш кардааст.

Боби сеюм ба баррасии проблемаҳои таъмини ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадории ҳамсарон равона шудааст. Муаллиф бо таҳлили муқоисавии қонунгузории Тоҷикистон ва андешаҳои олимони ватаниву хориҷӣ нишон додааст, ки қарзҳо метавонанд ҳамчун объекти мустақили тақсимоти моликияти ҳамсарон баррасӣ шаванд, аммо дар қонунгузории кунунӣ ин масъала ба таври кофӣ танзим нашудааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми диссертатсия дар он аст, ки муаллиф консепсияи назариявии мукаммалеро оид ба таносуб ва алоқамандии манфиатҳои аъзои алоҳидаи оила ва манфиатҳои умумиоилавӣ таҳия намудааст. Бояд таъкид кард, ки як қатор пешниҳодҳои амалӣ барои такмили қонунгузории оилавӣ мусоидат менамоянд. Хусусан пешниҳоди таклиф дар бораи ворид намудани тағйирот ба моддаи 34 Кодекси оила барои мушаххас кардани қарз ва ҳисса (саҳм) ҳамчун моликияти умумии якҷояи ҳамсарон ва муқаррар намудани шакли нотариалии гирифтани розигии ҳамсаре, ки муассис нест, ҳангоми истифодаи моликияти умумии якҷоя саривақтӣ мебошад.

Ин пешниҳодҳо на танҳо аз лиҳози назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ аҳаммияти калон доранд, зеро ба мукаммал гардонидани танзими ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тасдиқшудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикос ёфтааст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар як қатор конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз қабили конфронси бахшида ба "30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон” ва “Соли маърифати ҳуқуқӣ” (2024), муаррифӣ шудаанд, ки аз қабули мусбии ҷомеаи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Табиист, ки автореферат бе нуқтаҳои баҳснок таҳия шуда наметавонад. Новобаста ба ин, дар автореферат ба таҳлили манфиатҳои оилавӣ ба таври мукаммал, ҳаматарафа ва воқеъбинона таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад як кори илмии арзишманд аст, ки ба рушди илми ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистон саҳми назаррас мегузорад. Таҳлили амиқи назариявӣ, пешниҳодоти мушаххас барои такмили қонунгузорӣ ва монанди он аз хусусиятҳои барҷастаи ин таҳқиқот мебошанд. Кор ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи граждани (маданӣ); ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ буда, муаллифи он Раҳимзода Фирӯза Маҳмад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Раиси Комиссияи марказии интихобот
ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии
Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Худоёрзода Бахтиёр

“Имзои Раиси КМИР ҶТ Худоёрзода Б.Т.-ро тасдиқ мекунам”.
Сардори шуъбаи ҳуқуқи КМИР ҶТ А. Нормухамедов

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ